**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**д.и.и., профессор Хушвахтзода Қ.Х.**
______________________________
«__» __________ соли 2023

# ХУЛОСАИ
## Донишгоҳи милии Тоҷикистон

Муҳокимаи диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи иқтисод ва идораи КАС-и факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Асомуддини Рамазони Каримзода дар мавзуи «**Такмили механизми экологӣ-иқтисодии идоракунии захираҳои заминҳои кишоварзӣ (дар маводи Ҷумҳурии Тоҷикистон)**», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 - Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) пешниҳод карда шудааст.

Таҳқиқот дар кафедраи иқтисод ва идораи КАС-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расонида шудааст.

Асомуддини Рамазони Каримзода 12 сентябри соли 1986 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2004 ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, соли 2009 зинаи аввали таҳсилотро аз рӯйи ихтисоси информатика хатм кардааст. Баъдан, солҳои 2016 зинаи дуюми таҳсилотро аз рӯйи ихтисоси баҳисобгирииии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудити факултети баҳисобгирӣ ва иқтисоди рақамии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон хатм намудааст.

Асомуддини Рамазони Каримзода соли 2019 дар кафедраи иқтисод ва идораи КАС-и факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳайси унвонҷӯ қабул шудааст.

Тибқи қарори Шурои олимони факултети иқтисод ва идораи ДМТ аз 29 марти соли 2019, суратмаҷлиси №7 мавзуи диссертатсияи номзадии Асомуддини Рамазони Каримзода бо номи «Такмили механизми экологӣ-иқтисодии идоракунии захираҳои заминҳои кишоварзӣ (дар маводи Ҷумҳурии Тоҷикистон)», зери роҳбарии д.и.и., профессор Хушвахтзода Қ.Х. тасдиқ карда шудааст.

Имтиҳонҳои миниммуми номзадиро аз фанни таърих ва фалсафаи илм дар таърихи 15.12.2021 бо баҳои 5 «аъло», аз фанни забони хориҷӣ дар таърихи 15.02.2023 бо баҳои 4 «хуб» ва имтиҳон аз тахассусро дар таърихи 18.04.2023 бо баҳои 5 «аъло» супоридааст.

Аз рӯйи натиҷаҳои экспертизаи диссертатсия дар мавзуи «Такмили механизми экологӣ-иқтисодии идоракунии захираҳои заминҳои кишоварзӣ (дар маводи Ҷумҳурии Тоҷикистон)” чунин хулоса бароварда шуд:

**1. Мубрам будани мавзуи диссертатсия**

Дар марҳилаи муосири рушд яке аз ҳадафҳои марказии рушди иқтисоди миллӣ ин таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба маҳсулоти хушсифати ғизоӣ ба ҳисоб меравад. Татбиқи ҳадафи мазкур ба самаранокӣ ва натиҷанокии менеҷменти корхонаҳо, ташкилотҳо ва низомҳои бахши аграрӣ вобаста буда, дар ин замина ташаккули он дар сатҳи корхонаҳо ва хоҷагиҳои кишоварзӣ аҳамияти муҳим дорад. Вобаста ба ин нақши менеҷмент дар рушди кишоварзӣ раванди такрористеҳсоли маҳсулоти соҳа заминавӣ ва бунёдӣ буда, такмили он шарти асосии рушди устувори корхонаҳо, ташкилотҳо, хоҷагиҳо ва низомҳои соҳавӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин раванд, нақши менеҷмент ва такмили механизми экологӣ-иқтисодии идоракунии захираҳои заминҳои кишоварзӣ афзун мегардад.

Ҳамзамон дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қайд шудааст, «механизми заифи дастгирии давлатии молиявии корхонаҳои КАС, монеаҳо барои муттаҳидсозии қитъаҳои замин, ки барои сармоягузорӣ дар бунёди корхонаҳои азими кишоварзӣ мушкилӣ эҷод мекунанд ва заминаи оқибмондаи моддию техникии КАС дар сурати маҳдуд будани дастрасии корхонаҳои он ба иттилоот доир ба бозорҳои фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ, дарозмуҳлат ва гарон будани амалиётҳои тиҷорати беруна, ки ба таъмини амнияти озуқаворӣ таҳдид менамоянд», мебошанд. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки ҷамъбасти натиҷаҳои ислоҳоти иқтисодии соҳаи истеҳсолоти кишоварзии иқтисодиёти Тоҷикистон ва таҳлили равандҳои такрористеҳсоли ин соҳа як қатор муаммоҳоро ошкор кард. Раҳоӣ аз ин вазъ, пеш аз ҳама, бо такмили механизми экологӣ-иқтисодии идоракунии захираҳои заминҳои кишоварзӣ иртибот дорад.

**2. Мутобиқати ихтисос ва номи мавзӯъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия**

Диссертатсияи Асомуддини Рамазони Каримзода дар мавзуи «Такмили механизми экологӣ-иқтисодии идоракунии захираҳои заминҳои кишоварзӣ (дар маводи Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси **08.00.10 - Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент)** мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои аз ҷониби муаллиф дар таҳқиқот бадастовардашуда ба бандҳои шиносномаи ихтисоси зикршуда мутобиқат мекунад. Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти баланди илмию амалӣ буда, ба рушди илми иқтисодӣ саҳм хоҳанд гузошт.

**3. Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ**

Мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илмҳои иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ робита дошта, аз ҷумла аз таҳия ва аниқ гардонидани заминаҳои илмӣ-методии таҳқиқот, истифодаи равишҳо ва усулҳои гуногуни илмӣ оид ба такмили механизми экологӣ-иқтисодии

идоракунии захираҳои заминҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад. Амали намудани таҳқиқот оид ба такмили механизми экологӣ-иқтисодии идоракунии захираҳои заминҳои кишоварзӣ бо мақсади васеъ кардани неруи табиӣ, иқтисодӣ - истеҳсолии заминҳои кишоварзӣ дар шароити Тоҷикистон бо истифода аз механизмҳо, алгоритм, усулҳо ва моделҳои эконометрикӣ сурат гирифтааст .

**4. Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он**

Вобаста ба мавзуи диссертатсия унвонҷӯ Асомуддини Р.К. дар раванди баргузории конфронсҳои байналхалқӣ ва ҷумҳуриявӣ фаъолона иштирок ва баромад намуда, 13 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст. Аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 3 мақола дар маҷаллаҳои Scopus ва Web of Science индексатсияшаванда нашр шудаанд.

Муҳтавои диссертатсия ва автореферати он ба талаботи бандҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267, аз 30 июни соли 2021 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунанд.

**5. Татбиқи натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи мазкур аз ҷониби Иниститути боғдорӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (№572 аз 18.09.2023) барои истифода пешниҳод шудааст ва санад оид ба татбиқи амалии онҳо мавҷуд аст. Ҳамчунин, натиҷаи кори диссертатсионӣ ҳамчун маводи ёрирасон барои муҳаққиқон, аспирантон, докторантон ва ҳамчун васоити таълимӣ барои донишҷӯёни дар раванди омӯзиши фанҳои «Иқтисодиёти истифодабарии сарватҳои табиӣ», «Иқтисодиёти кишоварзӣ», «Рушди босуботи иқтисодиёт» дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мавриди истифода қарор дода шудаанд.

**6.Саҳми шахсии довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.**

Дар раванди таҳқиқот нақшаи кори илмии муҳаққиқ дар самти асосноккунии мавзуъ, мубрамияти он дар шароити имрӯза, гузоштани мақсад ва вазифаҳо, ҳамзамон иҷроиши пурраи онҳо, навовариҳои илмӣ дар самти мавзуи таҳқиқшаванда ба анҷом расонида шудааст. Дар ин раванд муаллиф самтҳои идоракунии истифодаи захираҳои заминро дар соҳаи кишоварзӣ омӯхта, роҳҳои мукаммалнамоии механизми идоракунии истифодаи экологиву иқтисодии онро пешниҳод намудааст. Дар асоси ин, маъруза ва мақолаҳои илмии аз дастовардҳои илмӣ бадастомадаашро ба табъ расонидааст.

## РӮЙХАТИ МАҚОЛАҲОИ ЧОПШУДА АЗ РӮЙИ МАВЗУЪ

**А) Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудааст:**

[1-М]. Асомуддини Р. К. Механизм регулирования эколого-экономического использования земельных ресурсов для устойчивого развития [Текст] / Асомуддини Р. К., Арабов Ф. П. // Вестник Российско-Таджикский (Славянский) университет. –Душанбе, 2019. – № 4(68). – С. 80-89.

[2-М]. Асомуддини Р. К. Самаранок истифодабарии об дар соҳаи кишоварзӣ ва нақши он дар устувории ин соҳа [Матн] / Қ. А. Содиқов, Асомуддини Р. К. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – № 4. – С. 16-21.

[3-М]. Асомуддини Р. К. Истифодаи инноватсияҳо дар кишоварзӣ ва иттилоотикунонии заминистифодабарӣ [Матн] / Асомуддини Р. К. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №2. – С. 201-207.

[4-М]. Асомуддини Р. К. Таҳлили истифодаи экологиву иқтисодии заминҳои кишоварзӣ [Матн] / Хушвахтзода Қ.Х., Асомуддини Р. К. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – № 7. – С. 4-11.

[5-М]. Асомуддини Р. К. Механизми идоракунии истифодаи экологӣ-иқтисодии захираҳои замин дар соҳаи кишоварзӣ [Матн] / Асомуддини Р. К., П.Ф. Арабов // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2022. – № 4-1(43). С. 87-94.

[6-М]. Асомуддини Р. К. Инвестиции в устойчивое развитие сельского хозяйства Таджикистана: современное состояние и тенденции развития [Текст] / Арабов П.Ф., Асомуддини Р.К., Гулбекова С. Д. // Экономика сельского хозяйства России. – 2023. – № 5.- С. 121-127.

**Б) Интишорот дар дигар маҷаллаҳои илмӣ:**

[7-М]. Асомуддини Р. К. Истифодаи самаранокии захираҳои обӣ дар соҳаи кишоварзӣ: ҷанбаҳои экологӣ ва иқтисодӣ [Матн] / Асомуддини Р. К. / Маводи конференисияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи "Саноаткунонии кишвар ва таъмини рушди босуботи иқтисодиёт", (27.02.20).-Душанбе, 2020. – С.465-470.

[8-М]. Асомуддини Р. К. Эколого-экономического использование земельных ресурсов в сельском хозяействе [Матн] / Асомуддини Р. К. / Материалы международной научно-практической конференции "Управление человеческого капитала, изобретения и инновации как основа обеспечение экономического роста страны"( г.Куляб, 28.05.2021).-г.Куляб, 2021. – С.52-55.

[9-М]. Асомуддини Р. К. Management mechanism of land and water resources of agricultural purpose of the Republic of Tajikistan: ecological and economic investment aspects [Text] / Асомуддини Р. К. / В сборнике: ИНТЕГРАЦИЯ НАУК - 2021: Материалы II Международной научно-

практической конференции – [Электронный ресурс].- г.Краснодар, 2021. – С.17-23.

[10-М]. Асомуддини Р. К. Приоритетное направление инвестиции для улучшения мелиоративных состояния земель [Текст] / Гулбекова С. Д., Асомуддини Р. К. / Инструменты и механизмы формирования конкурентоспособности и устойчивости экономических систем. Материалы международной научно-практической конференции, (Краснодар, 01.07.22). – г.Краснодар: ФГБУ "Российское энергетическое агентство" Минэнерго России Краснодарский ЦНТИ- филиал ФГБУ "РЭА" Минэнерго России, 2022. – С. 56-61.

**Дар маҷаллаҳои Scopus ва Web of Science индексатсияшаванда:**

[11-М]. Asomuddin K. R. Sustainable development of ecological and economic use of agricultural land and water resources of the Republic of Tajikistan [Text] / K.A. Sodikov, F.P. Arabov, Kh.R. Bobohonzoda, K.R. Asomuddin, Sh.R. Fozilov // IOP Conference Series: Earth and Environmental Sciencethis link is disabled, 2022, 981(2), 022028.

[12-М]. Asomuddin K.R. Main directions for the formation and development of the green nature management in Tajikistan [Text] / R.H. Isaynov, F.P. Arabov, K.A. Sodikov, K.R. Asomuddin, R.A. Israilova // IOP Conference Series: Earth and Environmental Sciencethis link is disabled, 2022, 1045(1), 012150.

[13-М]. Asomuddin K.R. Assessment of innovative support of the agricultural industrial complex [Text] / J.H. Tagoev, B. Nabiev, R. Asomuddini, V. Aliakbar // E3s web of conferences: IX International Conference on Advanced Agritechnologies, Environmental Engineering and Sustainable Development (AGRITECH- IX 2023), Buhoro, Uzbekistan. 29-31 марта 2023 года. – EDP Sciences: EDP Sciences, 2023. – P. 04028. – DOI 10.1051/e3sconf /202339004028.

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Асомуддини Рамазони Каримзода дар мавзуи «Такмили механизми экологӣ-иқтисодии идоракунии захираҳои заминҳои кишоварзӣ (дар маводи Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 - Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент), тақризи роҳбари илмӣ – д.и.и., профессор Хушвахтзода Қ.Х., баромади муқарризон: Файзуллоев Т.Т. - н.и.и., дотсенти кафедраи иқтисод ва идораи КАС ва Фасеҳзода И.С. - н.и.и., дотсент, директори пажуҳишгоҳи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин натиҷаҳои корҳои нашршудаи Асомуддини Р.К. ҷаласаи муштараки кафедраи иқтисод ва идораи КАС ва кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии кушода ва хулосаи пешниҳодгардида,

**ҚАРОР ҚАБУЛ ГАРДИД:**

1. Диссертатсияи Асомуддини Рамазони Каримзода дар мавзуи «Такмили механизми экологӣ-иқтисодии идоракунии захираҳои заминҳои кишоварзӣ (дар маводи Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 - Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент), ба талаботи санадҳои меъёриву ҳуқуқии муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.
2. Диссертатсияи Асомуддини Рамазони Каримзода дар мавзуи «Такмили механизми экологӣ-иқтисодии идоракунии захираҳои заминҳои кишоварзӣ (дар маводи Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 - Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент), барои баррасӣ ва ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.
3. Назорати қарори мазкур ба зимаи мудири кафедраи иқтисод ва идораи КАС вогузор карда шавад.

Дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои 27 нафар иштирок карданд, аз ин шумора 18 нафар ҳуқуқӣ овоздиҳӣ доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳии кушода чунин аст: тарафдор - 18 нафар, зид- нест, бетараф- нест.

Хулоса дар ҷаласаи муштараки кафедраи иқтисод ва идораи КАС ва кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 16 сентябри соли 2023, протоколи №2 қабул шудааст.

**Раисикунанда:**
д.и.и., професор, декани факултети
иқтисод ва идораи ДМТ Исайнов Ҳ.Р.

**Котиб:**
ассистенти кафедраи
иқтисод ва идораи КАС-и ДМТ Қаландарзода Н.М.

**Имзоҳои Исайнов Ҳ.Р. ва Қаландарзода Н.М.-ро тасдиқ мекунам.**

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.